**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Ҳамидиён Илҳомҷон Иномзода дар мавзуи «Воситаҳои ахбори оммаи корпоративии Тоҷикистон: масъалаҳои пайдоиш, ташаккул ва дурнамо» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ**

Автореферати диссертатсияи номзади илмҳои филологӣ, дотсент Ҳамидиён Илҳомҷон Иномзода дар мавзуи «Воситаҳои ахбори оммаи корпоративии Тоҷикистон: масъалаҳои пайдоиш, ташаккул ва дурнамо» дар шароити феълӣ аз аҳаммияти амалию назариявӣ холӣ нест.

Ҳамчун муовини сардори Маркази таълимии авиатсионии КВД "Тоҷикаэронавигатсия" метавонам иброз намоям, ки дар ин кори таҳқиқотӣ масъалаи барои журналистикаи муосир нав – омӯзиши маҷаллаҳои ҳавопаймоӣ (бортӣ) ҳамчун намуди воситаҳои ахбори омма (ВАО)-и корпоративӣ баррасӣ гардидаанд, ки бевосит ба самти фаъолияти мо иртиботи амик дорад.

Таҳқиқи Ҳамидиён И.И. барҳақ маълум месозад, ки маҷаллаҳои бортӣ ҳамчун намуди ВАО-и корпоративӣ дорои вижагиҳои хос буда, пеш аз ҳама, инъикоси манфиатҳои ширкат, тавсия, рӯнамо, шиносу пешниҳод намудани хизматҳо ба баҳрабардорон, имтиёзу фоидаҳои хатсайру масиру долонҳонҳои нав, ҷадвали парвозҳо, дастёбиву комёбиҳои ҳирфавӣ,  бо мақсади мусбат муаррифӣ намудани симои ширкат ба хонанда, таҳлилу талкини тамоюлҳои бозор равона шуданд,  ки бо назардошти намояндагии шаҳрвандон аз қишрҳои мухталифи ҷомеъа (мусофирони синфи эконом ва бизнес) сабку услуби мухталиф, воситаву унсурҳои бадеӣ, махсусиятҳои шеваи гуфтугӯӣ ва ифодаҳои баландпояйи образнок мавриди истифода шудаанд.

Тавре аз автореферати диссертатсия бармеояд, таҷрибаи нашри маҷаллаҳои бортӣ дар Тоҷикистон таҳлил ва таҳқиқ гардида, накши ВАО-и корпоративии Тоҷикистон дар иҷтимоикунонии тиҷорат низ муайян шудааст. Бебаҳс, ин масъалаҳо дар илми журналистикаи ватанӣ нав маҳсуб меёбанд.

Муроҷиат ва ҷалби нерӯи беруна (аутсорсинг) аз масъалаҳои муҳим ва дигари ҷолиб дар автореферати диссертатсияи довталаби дараҷаи илмӣ дониста мешавад. Дуруст аст, ки солҳои 2003-2008 муроҷиат ба аутсорсинг дар мамлакат вусъат гирифта, бо ин навъи фаъолияти фармоишӣ асосан ширкатҳои ҳавопаймоӣ барои чопи маҷаллаҳои бортӣ муроҷиат менамуданд.

Мо дар таҷрибаи рӯзмарраи худ дар КВД "Тоҷикаэронавигатсия" шоҳид мегардем, ки маҷаллаҳои бортии  «Tajik Air» (КВД «Тоҷик Эйр»),

«Parvoz»-и ҶСК «Сомон Эйр» ва собиқ «East Air» (ҶСК «Ист Эйр») аз байлайнер зиёд истифода бурдаанду мебаранд.

Таҷриба нишон медиҳад, ки дар аксарияти ҳолатҳо матни сутунҳои роҳбарони ширкатҳои ҳавопаймоӣ аз тарафи мутахассисони PR навишта мешавад, вале аз номи роҳбари муассиса интишор мегардад. Дар ҳар шумораи маҷаллаи имрӯз ҳам нашри байлайнер дида мешавад. Ин вижагиҳо хеле дақиқ ва олимона аз ҷониби муҳаққиқ Ҳамидиён Илҳомҷон Иномзода, ки таҷрибаи бойи кор дар ВАО-и корпоративӣ дорад, баррасӣ гардидаанд.

Навгонии илмии таҳқиқ дар он ифода меёбад, ки бори аввал ВАО-и корпоративии Тоҷикистон дар шакли таҳқиқи диссертатсионии комил ҳамчун яке аз равишҳои нави журналистикаи муосир мавриди омӯзиш, таҳлил ва баррасӣ қарор мегиранд.

Муҳимтар аз ҳама ин аст, ки дар диссертатсия ба ҷуз таҳқиқи вижагиҳои масъалаҳои пайдоиш, ҳолати имрӯзаи ВАО-и корпоративии Тоҷикистон, дурнамои он хеле ҳирфавӣ ва бо такя ба далелҳои шаръӣ пешгӯйӣ шуда, роҳу равишҳои беҳбуди кор дар ин самт матраҳ мегардад, ки худ, бешубҳа, аҳамияти амиқи амалӣ дорад.

Аҳаммияти амалии дигари таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки диссертатсия барои васеъ намудани доираи иттилоот дар бораи ВАО-и корпоративии Тоҷикистон ҳамчун як намуди ВАО заминаҳои зарурӣро фароҳам меорад. Истифодаи маводи таҳқиқ ба ширкатҳо имкон медиҳад, ки ҳадафҳои нашр ва паҳн намудани ВАО-и корпоративии худро дубора таҷдид намоянд ва самаранокии кори онҳоро беҳтар созанд.

Таъкид кардан зарур аст, ки ҷолибияти маводи таҳқиқ ва баҳогузориҳои Ҳамидиён дар самти таъйини ҷойгоҳу хусусиятҳои ВАО-и корпоративиро озод метавон ба сифати дастури таълимӣ на танҳо макотиби олӣ, балки даврахои такмили ихтисоси кормандони ин соҳа истифода бурд.

Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшавандаи муаллиф қобили таваҷҷуҳ буда, аз дарки жарфи масъала, бурду бохти он, роҳу равиши беҳбуд ва, муҳимтар аз ҳама, холисонаву дилсӯзона матраҳ гардида, ҳадафгир шудаанд. Ва бе муҳобо, кори диссертатсионии анҷомдодаи Ҳамидиён И.И. барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ бо шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ ба пуррагӣ мувофиқат менамояд.

Бо вуҷуди муваффақиятҳои зиёд, баъзе норасоиҳо дида мешаванд, аз ҷумла:

1. Ба назари ин ҷониб, ҳама гуна ёдрасӣ аз афроди ҷудогонаи ҷомеа дар ВАО худ вазифаи рӯнамоиву ташвиқи имиджӣ буду мемонад ва ҳеч зарурати ташвиқу тарғиби алоҳидаи роҳбаре бидуни навгонии тақдирсоз

вуҷуд надорад, хоса вақти таҳияи нашри навбатии рӯзнома ва ё маҷалла. Аз ин хотир, ҳазфи банди 11 хулоса ҳам ба маврид мебуду ҳам шоиста.

2. Такрори назар ва тазйи калом диди мешавад, ки чун намуна метавон хулосаҳои 16 ва 17-ро ёдрас шуд. Беҳтар мебуд, агар он ду тавъам мебуданд ва зарофатро беҳтар месохтанд.

Ин нуксҳое, ки ёдрас шудем, ҷузъӣ буда, мазмуну мундариҷа ва аҳаммияти илмии корро, ки дар автореферат муъҷаз шудааст, заррае коста намекунанд. Автореферати диссертатсия бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ аз нигоҳи сохтор, мундариҷа, муҳтаво ва мазмун дуруст таҳия гардида, моҳияти асосии таҳқиқи комили анҷомдодаро бо забони илмии фасеҳу саҳеҳ фаро мегирад.

Бо назардошти ин, автореферати диссертатсияи Ҳамидиён Илҳомҷон Иномзода дар мавзуи «Воситаҳои ахбори оммаи корпоративии Тоҷикистон: масъалаҳои пайдоиш, ташаккул ва дурнамо» таҳқиқи анҷомёфта буда, муаллифро барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 - Рӯзноманигорӣ сазовор медонам.

**Доктори илмҳои филологӣ, дотсент,**
**муовини сардори Маркази таълимии**
**авиатсионии КВД "Тоҷикаэронавигатсия"** **Афсаҳзод А.А.**
*07.02.2025 с.*

**Суроғаи хона:** 734012, Ҷумҳурии Тоҷикистон
шаҳри Душанбе, к. Мирзо Мастонгулов, 14.
**Телефон:** +992 93-578-69-69
**E-mail:** a.afsahzod@airnav.tj

*"Имзои Афсаҳзод Аббоси Аълохонро тасдиқ мекунам"*
Сардори раёсати кадрҳо ва меҳнат Саидов К.М
*07.02.2025 с.*

**Суроғаи ҷойи кор:** 734012, Ҷумҳурии Тоҷикистон
шаҳри Душанбе, к. Мирзо Мастонгулов, 32/3
**Телефон:** +992 88-777-69-69
**Сомона:** https://airnav.tj/